# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Парвандаи аттестатсионии № 53

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 26.12.2020, суратҷаласаи № 53 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Давлатов Сорбон Назримадович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, аз 2 марти соли 2020, суратмаҷлиси №72 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Давлатов Сорбон Назримадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти меҳнат бо дипломи аъло хатм намудааст.

Диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2015 суратҷаласаи Шӯрои олимон таҳти №6 тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ Ғаниев Таваралӣ Бобоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тайин шуд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирзода Диловар Бахриддин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Бабаджанов Рустам Мирзоевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда**: Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”.

**Муассисаи тақриздиҳанда: -** Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ Раимдодов У.С. ба имзо расида (суратҷаласаи №7, аз 19.11.2020с.), аз тарафи директори Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” аз санаи 23.11.2020с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардида, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои “Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент: 10.19-Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ; 10.20-Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти нигаришҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилотҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат мувофиқат менамояд.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 15 кори илмӣ бо ҳаҷми 5,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРИИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### А) интишор дар нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшаванда воридand:

[1-М] Сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «СИНО», 2015. – №2/6(175). – С.94-97. (0,5 ҷ.ч.).

[2-М] Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «СИНО», 2017. - № 2/5. -Қ.2. - С.53-58. (0,75 ҷ.ч.).

[3-М] Сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушду инкишофи иқтисодиёти муосир//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «СИНО», 2018. - № 9. - С.152-157. (0,75 ҷ.ч.).

[4-М] Назарияи сармояи инсонӣ: ташаккулёбӣ ва рушди он дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт//Паёми Политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. – Душанбе, 2019. - № 1(45). - С.65-71. (0,50 ҷ.ч.).

[5-М] Идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ: равишҳои назариявӣ-консептуалии он//Паёми Политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. – Душанбе, 2019. - № 3(47). - С.86-89. (0,5 ҷ.ч.).

**Б) Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[6-М] Таҷрибаи хориҷии идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити муосир//Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт» (ш.Душанбе, 27-уми феврали соли 2020). - Душанбе, 2020. – С.350-354. (0,5ҷ.ч.).

[7-М] Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун омили рушд ва инкишофдиҳандаи иқтисодиёти муосир//Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами менеҷмент дар шароити муосир» (ш.Душанбе, 20-уми декабри соли 2019). - Душанбе, 2020. – С.76-78. (0,25ҷ.ч.).

[8-М] Назарияҳои навини ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Равишҳои стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 5-уми апрели 2019с.). – Душанбе, 2019. - С.75-78. (0,25 ҷ.ч.).

[9-М] Мақоми нерӯи инсонӣ дар рушди идоракунии шуғли касбӣ//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф» (ш. Душанбе, 15-уми майи соли 2018).–Душанбе: “Дониш”, 2018. – С.98-104. (0,5 ҷ.ч.).

[10-М] Муҳоҷират яке аз роҳҳои маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ//Маводи конфренсияи IV-уми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» (ш.Душанбе, 27-28 ноябри соли 2018). –Душанбе, 2018. – С.95-98. (0,5 ҷ.ч.).

[11-М] Нақши ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ дар рушди нерӯи инсонӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: консепсияҳо, тамоюлҳо ва таҳдидҳо» (ш.Душанбе, 27-уми октябри соли 2016).– Душанбе, 2017. - С.267-270. (0,25 ҷ.ч.).

[12-М] Пешвоӣ-зинаи олии роҳбарӣ дар илми идоракунӣ//Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Танзими давлатии рушди иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон: Тамоюлҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳал» (ш.Душанбе, 19-20-уми декабри соли 2014). –Душанбе, 2015. – С.122-125. (0,25ҷ.ч.).

[13-М] Захираҳои инсонӣ ва рушди онҳо дар замони муосир//Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Амалигардонии консепсияи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии натиҷаҳои он» (ш.Душанбе, 30-юми апрели 2015с). –Душанбе, “Ирфон”. - 2015. – С.255-260. (0,25ҷ.ч.).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. Раҳимов А.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Сифати кори иҷрогардида боз ҳам баландтар мешуд, агар муаллиф нақши сармояи инсониро дар рушди инноватсионии соҳаҳои пешбари иқтисоди миллӣ ё субъектони хоҷагидории онҳо таҳлил ва натиҷагирӣ мекард; 2) Ҳангоми коркард пешниҳодҳо асоснок карда нашудааст, ки маҳз кадом унсурҳои таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсониро метавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кард.

2. Комилов С.Ҷ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон, бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферати овардашуда ғалатҳои техникию имлоӣ ва инчунин нокифоягии шарҳу тавсифи расму ҷадвалҳои таҳлилӣ мушоҳида мешаванд. 2) Бояд гуфт, ки дар саҳифаи 17-уми автореферат ҷадвали динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи

маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, аммо ҷиҳати таҳлили қиёсӣ далелҳои асосноккунанда нисбатан кам мебошанд.

3. Фасеҳзода И.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Хуб мешуд, агар муаллиф дар диссертатсия ва автореферат вазни хоси минтақаҳои алоҳида дар иқтисоди миллӣ нишон дода мешуд; 2) Дар автореферати муаллиф номаълум аст, ки рушди сармояи инонӣ чи хел ба индекси рушди иқтидори инсонӣ таъсир расонидааст. Барои ин дар миқёси минтақаҳои алоҳида ба индекси рушди иқтидори инсонӣ баҳо дода мешуд.

4. Мусинов А.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ бо эродҳои зерин: 1) Дар шароити муосир хароҷот ба сармояи инсонӣ намудҳои гуногун дорад, аммо муаллиф сарчашмаҳои хароҷот ба сармояи инсониро ба таври васеъ таҳлил накардааст. (Ҷадвали 3). 2) Дар кори мазкур баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

5. Самандаров И.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсонӣ баррасӣ шудааст, аммо доир ба истифодаи амалии он дар ҷумҳурӣ таҳлил карда нашудааст; 2) Хулосаи довталаб дар бораи баҳодиҳии истифодаи сармояи инсонӣ далелҳои эътимодбахшро талаб мекунад; 3) Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

6. Расулова Л.Н. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ бо эродҳои зерин: 1) Хубтар мешуд, ки муаллиф дар бораи роҳҳои такмилдиҳии механизми сармояи инсонӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ низ пешниҳодҳо меовард; 2) Механизми иқтисодию ташкилии таълимоти бефосила, манбаҳои маблағгузориву ташкилии он бояд муфассал арзёбӣ мегардиданд; 3) Дар автореферeат баъзе норасогиҳои имлогиву техникӣ дида мешавад.

7. Раҷабов Р.К. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эродҳои зерин; 1) Дар автореферат ба тариқи пурра масоили марбут ба инкишофи сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари илмӣ баҳо дода нашудааст; 2) Муаллиф новобаста аз он, ки дар рисола ба идоракунии самараноки нерӯи инсонӣ

ҷаҳд намудааст, аммо пешниҳоди механизми мушаххаси идоракунии ин нерӯ ба чашм намерасад.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо зикр шудааст, ки норасоиҳои ошкоршуда арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳо хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагиии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии ба фаъолият ва ҳисси баланди масъулият-шиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида дониста шудааст. Инчунин фаҳмиши «ташаккулёбии сармояи инсонӣ», «нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ», «мақсаднокии равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» ва «механизми иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» аз нуқтаи назари муалиф мушаххас шудаанд;
- дар ҳама давру замон дониш ҳамчун нерӯи инсонӣ молиягузорӣ карда мешавад ва давлатдорону сиёсатмадорон, соҳибкорону соҳибмулкон, падару модарон барои донишомӯзию ҳунаромӯзӣ маблағҳои зиёдеро сарф карда, умед ба натиҷагирии пурсамар доранд. Аз рӯйи ҳисобҳои иқтисод-донҳо ва хулосаи илмии муаллиф фоидаоварии он 7-8 маротиба нисбат ба маблағгузориҳо дар соҳаҳои дигар зиёдтар аст;
- болоравии нақши идоранамоии самараноки сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти навин тадбирҳои ҳамаҷонибаи давлат ва ҳар як фарди ҷамъиятро ҷиҳати омоданамоии мутахассисон дигар намуда, дар ҳама соҳа муносибатҳои махсуси худро тақозо мекунад. Ташаккулдиҳӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳонӣ аз усулҳо ва воситаҳои инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир сарчашма мегирад, ки он дарбаргирандаи институт-ҳои ташаккулдиҳӣ ва инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ, сарчашмаҳои асосии маблағгузории захираҳои инсонӣ, доираҳои асосии фаъолияти захираҳои инсонӣ, чараёнҳои ташкилу таъминамоии иқтидори кадрӣ ва талаботи асосӣ ба захираҳои инсонӣ дар шароити муосир мебошад;
- маълумотнокии инсон сармояест, ки инсонро доим аз хавфҳои гуруснагӣ, ноамнӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дигар таҳдидҳо эмин нигоҳ дошта, саломатӣ, хушҳолӣ, маълумотнокӣ ва умуман зиндагонии бекамбудиро ба инсон муҳайё месозад. Инсони маълумотдор мутахассиси арзандаи соҳаи фаъолияти худ мебошад. Ба

ақидаи муалиф таълимгирии доимии инсон бояд муфовиқ ба талаботи зудтағйирёбандаи истеъмолии аҳолӣ ва талаботи асосии бозори меҳнат ба роҳ монда шавад;
- иқтисодиёте имрӯз, аз мо инсони комилан солим, заковатманду бомаърифат, донишманду эҷодкор ва мутахассиси баландихтисоси дорои дараҷаи баланди касбӣ, одоби ҳамидаи инсонӣ, хулқу рафтори неки инсонӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ буданро талаб менамояд. Бинобар ин идоранамоии сармояи инсонии имрӯза, дорои як қатор шохаҳо, ба монандӣ: сиҳатию саломатии инсонӣ, ки аз хатарҳо эмин бояд нигоҳ дошта шавад; қувваи инсонӣ, ки аз истеъмоли маҳсулоти ғизонок сарчашма мегирад; қобилиятҳои модарзодии инсон, ки рушд ва инкишофёбии муайянеро тақозо менамояд; маълумотнокии инсон, ки бештар характери ҷамъиятиро доро мебошад; донишҳои касбӣ-тахассусии инсон, ки дар натиҷаи омӯзиши доимӣ ба даст оварда мешавад; иқтидори инсонӣ, ки тавоноии пурраи инсонро нишон медиҳад; ҳавасмандии инсонӣ, ки ҳавас ва рағбати инсониро нишон медиҳад; иқтидори соҳибкории инсонӣ, ки худ соҳиби кор будани инсонро нишон медиҳад. Ин шохаҳои номбаршуда, бояд тарзе ташаккул, рушд ва инкишоф дода шаванд, ки сармояи пурраи инсониро нишон диҳанд;
- вазъи гирифтани маълумоти олӣ, ки яке аз шохаҳои асосии идоранамоии сармояи инсонӣ дониста мешавад таҳлили карда шуда, муайян гардид, ки бештари мутахассисони дараҷаи олидошта барои кадом соҳаҳо омода карда мешаванд, инчунин шумораи донишҷӯёни бо тариқи шартнома дар муассисаҳои олии кишвар ва берун аз он ба таҳсилоти олӣ фарогирифта оварда шудааст, ки аз зиёдгардии сол то соли ин теъдод далолат мекунад;
- дар ҳама давру замон дониш ҳамчун нерӯи инсонӣ молиягузорӣ карда мешавад ва ҷумҳурии мо низ дар баробари дигар соҳаҳо ба соҳаи маориф ва илм ҳар сол маблағи бештареро аз ҳисоби буҷаи давлат ҷудо менамояд. Мувофиқ бо маълумотҳои оморӣ ва таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф шаҳодат аз он медиҳанд, ки ин маблағгузории давлат дар бахши маориф ва илм ба ҳисоби миёна аз ҳафт як ҳиссаро ташкил медиҳад, ки ин муҳим ба ҳисоб рафтани соҳаи маориф ва илмро нишон медиҳад;
- дар ҳолати бозори меҳнати ҷумҳурӣ, тақсимоти аҳолии шуғлдошта дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, тақсимоти аҳолии шуғлдошта дар бахши хизматрасонӣ, талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, тақсимоти шумораи кормандоне, ки

дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ ба фаъолият машғул мебошанд, баҳогузорӣ карда аст;

- даромад ва хароҷоти аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як кишвар дониста шуда, муайян карда шуд, ки то чи андоза аҳолии ҷумҳурӣ даромаднокӣ дорад ва ин даромаднокиро чи гуна истифода менамоянд;

- таҳлили ҳамаҷонибаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар гузаронида шуда, таркиб ва зиёду камшавии он дар тӯли солҳои 2011-2018-ум оварда шудааст ва муайян карда шудааст, ки ҳиссаи кадом соҳаи кишвар дар рушд ва инкишофёбии ММД-и кишвар зиёд аст. Инчунин доираи истеъмолии аҳолӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, муайян карда шуд, ки то чи андоза, аҳолии кишвар мол ва маҳсулоти воридотиро истифода менамоянд ва дар баробари ин дар оянда он мутахассисоне бояд омода гарданд, ки истеҳсолоти худиро ба роҳ монанд. Яъне вобаста ба талаботиояндаи истеъмолии аҳолӣ он мутахассисоне омода карда шаванд, ки дар ҷамъият зарур бошанд ва он сармоягузорие, ки барои омода кардани онҳо сарф мешавад, дар оянда самараи хуб дошта бошад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

- баррасии асосҳои назарявӣ ва методологии сармояи инсонӣ ва муносибати ҷиддӣ ба он имкон медиҳад, ки сармоягузори намудан ба инсон ягона роҳест, ки ташаккули рушди босуръати иқтисодиётро таъмин хоҳад кард;

- моҳияти сармояи инсонӣ гуногунпаҳлу буда, объекти комили баҳодиҳӣ ва идоракуниро ифода мекунад. Дар ҳолати пурра сармоягузорӣ намудан ба паҳлуҳои аосии он, бояд талаботи истеъмолии аҳолӣ зери назар гирифта шавад;

- фаъолияти самараноки инсон аз хуб инкишофёбӣ ва сармоягузорӣ ба он вобаста аст, чунки ягона сармояест, ки натоиҷи баландбардории фаъолиятро доро мебошад;

- идоранамоии самараноки нерӯи инсонӣ ба мо имкон медиҳад, ки рушд ва инкишофёбии иқтисоди миллии худро пурра таъмин карда, ба бозори ҷаҳонӣ содирнамоии маҳсулотро роҳандозӣ намоем;

- таваҷҷуҳнамоӣ ба рушду инкишофдиҳии сармояи инсонӣ, мукаммалгардонии низоми кадрӣ, идоранамоии иттилоот ва омоданамоии мутахассисони ҳирфаи асоси иқтисодиётиояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳқиқоти назариявию методологии идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи бозорӣ иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои

мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои методологию назариявии гузаронида-шударо метавон дар чунин самтҳо самаранок истифода намуд:

- ҳамчун манбаи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқоти амалию назариявии нақш ва аҳаммияти идоракунии захираҳои инсонӣ дар рушди иқтисодиёт;
- дар дарсҳо ва курсҳои махсуси амалию назариявӣ аз фанҳои менеҷмент, иқтисодиёти меҳнат, идоракунии захираҳои инсонӣ, назорати ҳайати коргарон, рушди нерӯи инсонӣ ва ғайра метавон истифода кард;
- дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва давлатии стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, хусусан дар равишҳои муайянкунандаи рушд ва инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ;
- тавсияҳои амалию назариявӣ барои омодасозии мутахассисон мутобиқ ба талаботи асосии бозори ҷаҳонии меҳнат дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди бозорӣ;
- истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои ташаккули ҷомеаи иттилоотии касбӣ мақоми хосса дорад ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки тавсияҳои мазкур барои самаранок истифодабарии захираҳои инсонӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он нақши калидӣ доранд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои тадқиқот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

**Арзёбии дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки:**

**- идеяҳои асосӣ ба таҳлил:** барои асосноксозии илмӣ-амалии хулосаву пешниҳодҳо дар кор маводҳои расмӣ, корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои сармояи инсонӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи рисола санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди хоҷагии қишлоқ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва дигар асноди ҳуқуқию меъёрӣ истифода шудаанд.

**Заминаи иттилоотии таҳқиқот** Ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маълумотҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли

аҳолӣ, маводҳои таҳқиқотии илмию амалӣ оид ба истифодаи сармояи инсонӣ дар давраи солҳои 2011-2019, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмии соҳа, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин мушоҳидаҳои муаллиф аз таҷрибаҳои амалӣ - пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии кори диссертатсионӣ ба шумор меравад.

**Саҳмии шахсии унвонҷӯй иборат аст, аз:**

**- иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот: -** таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи рисолаи илмӣ, аз ҷумла: интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот маҳсули чандинсолаи фаъолияти муаллиф мебошанд. Ҳамаи давраҳои ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

**саҳми шахсии муаллиф** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Мафҳуму моҳияти идоракунии захираҳои инсонӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсирасон ба вазъи омоданамоии мутахассисон, ниёзҳои аҳолӣ ва зудтағйирёбандагии онҳо, омӯзиши ҳолати кунунии бозори меҳнат, муайяннамоии сатҳи зандагии аҳолӣ, даромадҳои аҳолӣ ва ҳолати воқеии он низ аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст: -** санади татбиқнамоӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №447/ДС, аз 10 сентябри соли 2020; - санади татбиқнамоӣ аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №12/6-429 аз 11 сентябри соли 2020 замима карда шудаанд;

**- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва воқеӣ** корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба идоракунии сармояи инсонӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи рисола санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди хоҷагии қишлоқ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.

- **тахияи** беш аз 15 мақолаҳо дар ҳаҷми 5,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд;
- **гузориши** натиҷаҳои таҳқиқот тайи солҳои 2014-2020 дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Давлатов Сорбон Назримадович аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, қарор қабул карда шуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои Шӯро 18 нафар, аз ҷумла 11 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирок дошта 18 нафар овоз доданд: тарафдор 18, зид нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

имзои
подписи Исайнов Ҳ.Р., Саидмуродова М.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. ______ (имзо/подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ